# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи "Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзода Афардӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Сайф Раҳимзоди Афардӣ аз ҷумлаи нависандагонест, ки дар солҳои ҳаштоди садаи XX ба майдони адабиёт ворид гардида, ба насри муосири тоҷикӣ, тавассути ҷустуҷӯҳои бобарори адабию эҷодиаш пайроҳаи наверо кушод. Ин нависандаи нотакрор ва ҷуянда аз нахустин ҳикояҳояш таваҷҷуҳи аҳли адаб ва соҳибназарони адабиёти моро ба худ ҷалб намуда буд. Ҷои таъкид аст, ки Сайф дар баробари нависандаи навпардозу ҳунарманд будан, инчунин коргардону филмноманависи тавоно ҳам буд. Ҳамаи ин дар маҷмуъ дар як фосилаи кутоҳи замонӣ нависандаро дар байни мардум хеле маъруф ва маҳбуб гардонид.

Чунон ки ишора шуд, Сайф Раҳимзоди Афардӣ бо нашри ҳикояи нахустинаш "Гунҷишки сафед" мавриди таваҷҷуҳи хоси хонандагон ва аҳли адаб қарор гирифта буд. Соли 1984 нахустин повести нависанда "Ситораҳои сари танӯр" бо пешгуфтори устод Гулрухсор ба нашр расид, ки ин дар он солҳо ба ҳайси як падидаи тозаи адабӣ эътироф гардид. Дар солҳои баъдӣ ҳам ҳар як асари тозанашри Сайф Раҳимзоди Афардӣ муҳити адабии ҷумҳуриро ба ҳаракат меоварад, ки ин бешубҳа, натиҷаи истеъдоди комил ва ҳунари баланди нависандагии муаллиф буд. Нашри маҷмуаҳои "Аз ёдҳо, аз ёдҳо", "Дуруғи сафед", "Падруду пайғом" собит намуд, ки Сайф Раҳимзоди Афардӣ ҳамчун нависандаи навгарою ҷуянда ба зиндагии воқеӣ назари дигар, назари таҳқиқӣ, назари фалсафӣ дорад, ки он дар асарҳои ӯ бо забону лаҳни зебои шоирона баён мешавад.

Баъзе аз муҳаққиқон решаҳои навовариҳои адабию ҳунарии Сайф Раҳимзоди Афардиро дар равияҳои модернистию постмодерни аврупоӣ ҷустуҷӯ мекунанд, ки бо онҳо наметавон розӣ шуд. Сайф Раҳимзоди Афардӣ нависандаест, ки дар муҳити шеъри баланду зебои форсии тоҷикӣ ба камол расида буд. Дар эҷоди бадеӣ барои ӯ назму насри Саъдӣ, Бедили Деҳлавӣ, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон меъёри ҳунари суханварӣ буд. Ин нуктаро на танҳо сабку забон ва шеваи баёни нависанда, балки ифодаи маъниҳои равшан, рамзию киноявӣ ва асотирию тахаюлӣ, ки дар навиштаҳояш зиёд ба назар мерасад, собит месозад. Аз ин ҷиҳат, метавон ишора намуд, ки шахсияти адабӣ ва осори Сайф

Раҳимзоди Афардӣ дар адабиётшиносии мо то ҳанӯз ба таври лозимӣ ва дар сатҳи муносиб таҳқиқ нашудааст. Ба ҳамин хотир, таҳқиқоти Ҳалима Валиеваро метавон дар ин масир иқдоми шоиста арзёбӣ кард. Интихоби мавзӯъ ва масъалагузорӣ дар диссертатсия асосан дуруст сурат мегирад ва он ба масоили марбут ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан **мувофиқ аст.**

**Аҳамияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Ҳалима Валиева дар он зиҳир мешавад, ки то имрӯз дар бораи рӯзгор ва осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ, ба истиснои тақризу мақолаҳо ва ишораҳои ҷудогона, пажуҳиши муназаму фарогир ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз ҳам, метавон мавзуи интихобнамудаи диссертантро **муҳим ва мубрам** арзёбӣ намуд. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки дар адабиётшиносии тоҷик аввалин бор мавзуи тавсиф дар мисоли осори яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти муосир Сайф Раҳимзоди Афардӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи васеъ қарор мегирад. Чунки омӯзиши дақиқу амиқи ин ҷанбаи эҷодиёти нависанда дар шинохту маърифати ҷойгоҳи адабии ӯ аҳаммияти калон дорад (диссертатсия с. 4). Осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ аз ибтидои фаъолияти адабиаш дар маркази таваҷҷуҳи аҳли адабу таҳқиқ қарор дошт. Оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳунари нависандагӣ ва вижагиҳои адабии асарҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ устодон Х. Шарифзода, А. Сайфуллоев, Гулрухсор, А. Раҳмонзода, У. Сафар ва дигарон ибрози назар намуданд. Бояд таъкид кард, ки аксари муҳаққиқони насри давраи истиқлол ба шахсияти адабӣ ва эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ ишораҳои ҷолиб намудаанд, ки онҳо дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ, дар диссертатсияи Ҳалима Валиева зикр мешаванд. Аммо бо вуҷуди ин, диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши ҷомеъ ва фарогир оид ба эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ маҳсуб меёбад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ аз тариқи тавзеҳи тавсиф, ки яке аз василаҳои пуркорбурди баёни адабист, ба ҷаҳони зебою рангини насри Сайф Раҳимзоди Афардӣ ворид мешавад ва ҳунару қудрати адабию эҷодии ӯро ба таври мушаххас ошкор месозад. Тозагии муҳимми дигари масъалагузории диссертант дар он аст, ки ӯ навҷуиҳои нависандаро дар констекти насри давраи истиқлол ба таҳқиқ мегирад ва собит менамояд, ки эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва ҳамсафони ӯ дар устувор гардидани пояҳои насри имрузаи тоҷикӣ нақши калидӣ доранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он собит мешавад, ки диссертант ҳангоми масъалагузорӣ ва баррасию натиҷагириҳояш ба консепсияҳои илмии эътирофгардидаи адабиётшиносии ватанию хориҷӣ такя мекунад. Илова бар ин, дақиқияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи мавриди пажуҳиш, коркарди натоиҷи он, интихоби усуслу равиши таҳқиқ ва дараҷаи эътимоднокии кори диссертатсияро низ муайян месозад. Инчунин, **хулоса ва тавсияҳои амалии** диссертант натиҷаи таҳлилҳои мушаххаси илмӣ буда, дурнамои омӯзиши мавзуи мавриди назарро мушахас мегардонад.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсияи мазкур барои омӯзиши масоили гуногуни насри тоҷикии давраи истиқлол, эҷодиёти нависандагони муосири тоҷик муҳим буда, барои муҳаққиқони адабиёти давраи мазкур, унвонҷӯён, донишҷуён ва алоқамандони адабиёти муосир ба ҳайси маводи назарӣ кӯмаки амалӣ мерасонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқаш 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишорнамудаи диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро ифода намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ таъйид месозад.

Диссертатсияи Ҳалима Валиева аз муқаддима, се боб, хулоса, тависяҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Вобаста ба гузориши масъалаҳои мавриди назари диссертант ҳар боб ба фаслҳо ва зерфаслҳои алоҳида тақсим мешавад. Дар бахши муқаддимавии диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, аҳаммияти назарию амалӣ, навгонӣ, эътимоднокии натоиҷи таҳқиқ, робитаи мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва ғайра асоснок карда мешавад. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои муайян ва аҳдофи мушаххаси пажуҳишӣ пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосии он ба ҳимоя пешниҳод мегарданд,** ки воқеан, дар шинохти шахсияти адабӣ ва эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ аҳаммияти хосса доранд.

Боби якуми диссертатсия “Мухтасари зиндагӣ ва мероси эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ” унвон дошта, аз чаҳор фасл ва се зерфасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур диссертант вазъи адабиёти тоҷикии давраи истиқлолро баррасӣ менамояд. Таъкид мешавад, ки: “Замони истиқлол барои гурӯҳе аз нависандагон як навъ

даврони худёбию худнигарӣ, худсозӣ, замони омӯзишу шинохти зиндагӣ буд. Беҳуда нест, ки аксарияти онҳо бо пайравӣ аз насли калонсол сужетсозӣ, банду баст, образофаринӣ, таҳлили психологию ботинии қаҳрамонро омӯхтанд ва масири халоқиятро барои хеш ҳамвор сохтанд" (диссертатсия, с. 9).

Баррасии мавзуи асосии диссертатсия аз боби дуюм, ки ба нақши тавсиф дар эҷоди бадеӣ ихтисос дорад, шуруъ мешавад. Дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур муҳақиқ дар атрофи масоили марбут ба тавсиф, аз қабили истилоҳи тавсиф, навъҳои тавсиф, сохтори тавсиф, нақшу вазифаи тавсиф дар осори адабӣ ва ғайра баҳс намуда, таъкид месозад, ки муҳимтарин вижагии тавсиф бозтоби фазилатҳои ботинӣ ва зоҳирии инсон, ашё ва ҳаводис аст. Ба ҳамин хотир, адибон вобаста ба ҳолати мавриди тасвир аз анвои гуногуни тавсифи адабию ҳунарӣ истифода менамоянд. Чи гуна шакл гирифтани тавсиф дар матни адабӣ дар фаслҳои сеюму чаҳоруми боби дуюми диссертатсия баррасӣ мешавад. Ин нуктаро диссертант зимни баррасии ҳунари портретсозӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ ва ғайра тавзеҳ дода, таъкид медорад, ки нависанда дар бозтоби ҷаҳони андешаи инсонҳо, маҳзари зиндагии онҳо, муҳити зисташон, муносибату бархурдашон бо табиат ва олами атроф аз шеваҳои хоси тасвир кор мегирад.

Дар боби сеюми диссертатсия вижагиҳои тавсифофаринии Сайф Раҳимзоди Афардӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Масъалаи ҳунари тавсифгарӣ ва тасвирсозии Сайф Раҳимзоди Афардӣ аз тарафи баъзе муҳаққиқони насри муосири тоҷикӣ борҳо ишора шуда буд. Аммо таҳқиқи амиқу муфассал ва фарогири он дар диссертатсияи мавриди назар сурат мегирад.

Дар фасли якуми боби сеюм диссертант бозтоби бадеии манзараҳои табиатро дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ баррасӣ намуда, дуруст ишора мекунад: "Дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ мо ба ҷилваҳои рангоранги табиат дучор мешавем, ки ҳосили мушоҳидаву ёфтаҳои нависандаанд" (диссертатсия, с. 119). Ин нукта дар диссертатсия зимни таҳлили муфассали тасвири офтоб, шамол, борон, барф, рӯд, об ва ғайра собит мегардад. Тасвири манзил ё ба истилоҳи диссертант кулба дар асарҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ аз вижагиҳои муҳим ва хосе бархурдор аст. Инро хонанда, беш аз ҳама дар ҳикояи "Таронаҳои хугара" ба мушоҳида мегирад. Ҳикояи мазкур бо тасвири ба хонаи падарӣ баргаштани қаҳрамони асар оғоз меёбад ва ин боздиди деринтизор

хотироти пешини қаҳрамони асарро аз нав зинда мегардонад. Дар ин асар аксари онҳое, ки дар ин кулба зиндагӣ карда будан, аз ин ё он ҷиҳат тавсиф мешаванд. Диссертант, инчунин ҳунари тавсифофаринии Сайф Раҳимзоди Афардиро зимни таҳлили ҳикояҳои "Аз ёдҳо, аз ёдҳо", "Доғҳои офтоб" ва "Доғистони ман" низ тавзеҳ медиҳад.

Дар фаслҳо ва зерфаслҳои баъдии боби мазкур диссертант тасвиру тавсифи ашёи хона, саҳнаву манзараҳои хонаводагӣ, танӯр, торикию равшанӣ, рангҳо ва ғайраро баррасӣ карда, ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили андеша аст: "Тааммул дар атрофи ин образҳо зеҳнро ба ин натиҷа мерасонад, ки нависанда бо тавсифи онҳо ва гоҳо бо ёрию роҳнамоии онҳо масоили зиёдеро матраҳ месозад, ки ба дарунмояҳои асараш гиреҳ мехуранд (диссертатсия, с. 190)".

Дар боби сеюми диссертатсия Ҳ. Валиева вижагиҳои хоси тавсифҳои осори Сайф Раҳимзоди Афардиро ба таҳқиқи мегирад. Чунки аксари онҳое, ки дар бораи эҷодиёти Сайф мақолаҳо навиштаанд ба ҷанбаи қавии неруи тасвиргарии у ишора намудаанд. Ба ҳамин хотир, дисертант тавсифҳои осори Сайфро аввал гурӯҳбандӣ намуда, баъдан онҳоро дар фаслҳо ва зерфаслҳои ҷудогона ба барасӣ мегирад. Дар фасли аввали боби мазкур асосан, ба масъалаи тасвири манзараҳои табиат ва тавсифи зебоиҳои он дар асарҳои нависанда таваҷҷуҳ мешавад. Ин ҷо тавсифи офтоб, осмон, шамол, борон, об, дарё, ҷӯйбор ва ғайра муфассал таҳлил мешавад. Диссертант таъкид менамояд, ки ҳунари нигорандагии Сайф дар он равшан мешавад, ки ӯ дар кӯтоҳтарин матн метавонад дунёи мавҷуд ё падидаи мавриди назаррашро ба ҳама ҷузиёташ ба қалам диҳад. Нависанда манзараҳо ва падидаю рӯйдодҳоро на танҳо дар сурати воқеӣ, балкӣ бо густариш додани ҷанбаҳои тавсифӣ ба қалам медиҳад ва намунаҳои равшани онро мо дар ҳикояҳои "Доғҳои офтоб" ва "Додараки фариштаҳо" ба мушоҳида мегирем.

Тасвиргарӣ дар ҷараёни нақл, баёни воқеаю ҳодисаҳои мавриди назари адибро хеле муъҷаз ва мушахас мегардонд ва хонанда ба осонӣ ба умқи паёми адабии Сайф даст меёбад. Аз тарафи дигар, тавсифҳои ӯ дар мавриди ҳаводиси табиат на танҳо андешаи хонандаро ба ҳаракат меорад, балки эҳсосу авотифи инсонии вайро низ бедор мекунад. Нақши тавсифҳои Сайф дар муассирияти осори ӯ равшан эҳсос мешавад. Ин ва дигар масоили марбут ба тасвиргарӣ ва тавсифсозии нависандаро тавзеҳ дода, диссертант ба чунин хулосаи қобили андеша мерасад: "Баррасии осори нависанда нишонгари он аст, ки тавсифҳои мавҷуда дар матни

ҳикояҳо ба мавзуъҳои тарҳшуда пайванди ногусастанӣ доранд. Нависанда дар бозтоби ҷаҳонӣ андешаи инсонҳо, маҳзари зиндагии онҳо, муҳити зисти онҳо, муносибату бархурдашон бо табиату падидаҳои он аз шеваҳои вижа кор мегирад "(диссертатсия, с.189)".

Хулосаи диссертатсияи Ҳалима Валиева натиҷа ва бардоштҳои илмӣ муаллиф аз таҳлили осори нависанда буда, дар 17 банд пешниҳод мешавад, ки аксари онҳо қобили андешаанд. Инчунин, ҳар банди хулосаи диссертант ба истиноди зарурӣ ба мақолаҳо ва таълифоти муҳаққиқ асоснок карда мешавад, ки ин ҷанбаҳои амалии таҳқиқоти ӯро устувор мегардонад.

Дар баробари муҳассаноти зикргардида, муҳокимаҳои ҷолибу натиҷагириҳои қолиби эътимод дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, зикри онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муққадимаи диссертатсия мубарамияти мавзуи таҳқиқ муфасалтар тавзеҳ мешуд, беҳтар буд.

2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ китоби У. Сафар "Тавбаҳои дардолуд" бояд васеътар баррасӣ мегардид. Зеро ин ягона таҳқиқоти муфассалу фарогир дар бораи эҷодиёти нависанда аст.

3. Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия муҳаққиқ ба таҳлили ҳикояҳои чанд нависанда иктифо мекунад, ки онҳо ба назари мо, манзараи умумӣ ва тамоилҳои асосии ҳикояи насри муосири тоҷикро ба пурагӣ равшан намесозанд.

4. Дар боби якуми диссертатсия агар рӯзгору осори Сайф Раҳимзоди Афордӣ ва масъалаҳои инкишофи анвои наср дар адабиёти давраи истиқлол дар бобҳои алоҳида баррасӣ мешуд, масъалаҳо ва муаммоҳои мавриди назари муҳаққиқ ба пурагӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд.

5. Дар боби сеюми дисертатсия маводи зерфасли дуюм бо маводи фасли ду дар якҷоягӣ баррасӣ мешуд беҳтар буд.

6. Дар диссертатсия агар ба ҷанбаҳои сабксозии тасвиру тавсифҳои адиб бештар таваҷҷуҳ мешуд, беҳтар буд.

Камбудиҳои зикргардида, ислоҳшаванда буда, онҳо арзишу аҳаммияти муҳимми илмию пажуҳишии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд. Диссертатсия дар сатҳи лозимӣ таълиф ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Автореферат ва мақолаҳое, ки муҳаққиқ ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро ба пурагӣ ифода мекунанд. Мавзуъ ва масъалаҳои

мавриди назари диссертант ба масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан, мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқӣ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёрҳо ва талаботҳои Комисияи олии атестатсионии назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи “Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ” ба талаботи бандаҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш. А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

3 .03. 2024.